Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 дар назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

**Тақризи**

**муқарризи расмии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳматзода Ҳайдар Бобо ба кори диссертатсионии унвонҷӯй Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Мавзуи таҳқиқотии рисолаи илмии мавриди тақриз қарордошта** ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ мутобиқат мекунад: 1.2. Тақсимоти қаламравии захираҳои иқтисодӣ; ҷиҳатҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои бизнеси хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонавода. 1.19. Истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Афзалиятҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ. 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва маконии инкишофи хаҷагии қишлоқ. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии қаламравӣ. Муҳити инвеститсионӣ бо дарназардошти воҳидҳои минтақавӣ-маконӣ. Баланд намудани диққатҷалбкунии инвеститсионӣ ва истифодаи самараноки лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар минтақаҳо.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда.** Бояд зикр кард, ки ҳанӯз ҳам дар илми аграрӣ чунин мушкилот, ба монанди ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои обёришаванда ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ бо назардошти чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ ва ташкилӣ–технологии низоми

обёрикунӣ, хусусиятҳои хоси соҳавӣ ва минтақавӣ ба таври маҷмӯӣ таҳқиқ нагардиданд ва дар илми иқтисодиёти минтақавӣ дар ин самт монографияҳои илмӣ кам ба назар мерасанд. Албатта, тавассути оқилона ва самаранок истифодабарии заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, истифодаи муносибатҳои нави заминдорӣ, ҳифз ва нигоҳдории экосистемаҳои минтақавӣ ба таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ноил шудан мумкин аст. Дар ин ҷо ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ барои гузаронидани чораҳои экологӣ-мелиоративии беҳдошти заминҳои обӣ ва вазъи экологии минтақа ва афзун намудани маҳсулоти кишоварзӣ низ нақши калон дорад.

Дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст, ки «…механизми номукаммали танзими муносибатҳои заминдорӣ, сатҳи пасти экологии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, таназзулёбии захираҳои замин, бахсус, заминҳои кишт, пас аз гардиши кишоварзӣ боз мондани заминҳои обёришавандаи корами кишоварзӣ, кам шудани захираҳои ҷангал ва тағйирёбии иқлим оварда расонидааст...».

Ҳалли ҳамаи мушкилотҳои номбурда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили идораи замин ва такмили механизми иқтисодӣ-иҷтимоии истифодаи самаранокии онро тақозо менамояд, ки ин мубрамӣ ва муҳиммияти интихоби мавзуи кори диссертатсионии ӯнвонҷӯй Тешаев Мирзошариф Саидҷафаровичро муайян менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навгонии таҳқиқоти унвонҷӯй дар илман асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самаранокии заминҳои обёришаванда, коркард ва пешниҳоди роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва рушди устувори минтақа зоҳир мегарданд. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

-ҷабҳаҳои асосии назариявӣ, методӣ ва методологии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда тақвияту тавсеа дода шуда, мазмун ва моҳияти ин мафҳум мукамал гардонида, чунин муайян гардидааст: механизми мазкур аз маҷмӯи қоидаҳо, қонунҳо, чораҳо ва унсуру фишангҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, ба таъмини бехатари озуқавории аҳолии минтақа нигаронида шуда, имконияти истеҳсоли ҳарҷӣ зиёди маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза, ташкили истеҳсоли маҳсулотҳои рақабатпазир ва ба содирот

нигаронидашудаи кишоварзии минтақаро афзун намуда, ба таъмини даромаднокии баланди молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар минтақа мусоидат менамояд;

- принсипҳо, вазифаҳои асосии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои кишоварзӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва минтақавӣ, омилҳои ба он таъсиррасонанда, бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, ки ба нигоҳдорӣ, такрористеҳсол ва ҳифзи заминҳои обёришаванда, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва рушди устувори минтақа нигаронида шудаанд, муайян гардидаанд;

- вазъи кунунии истифодаи заминҳои обёришаванда ва механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки онҳо дар минтақаи мавриди таҳқиқ қарор дошта арзёбӣ шуда, меъёрҳо, маҳакҳо ва нишондиҳандаҳои асосии самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда ва истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар минтақа муайян, қиёс, баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ шуданд;

- самтҳои асосии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда, оид ба истифодаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва заминдорӣ, низоми пешқадами обёрикунии заминҳои обёришаванда, истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва беҳдошти вазъи экосистемаи минтақавӣ асосёфта, муайян шудаанд;

- чораҳои танзими давлатии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа оид ба истифодаи пулакии заминҳои обёришаванда, азхудкунии заминҳои нави обӣ, ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии парвариши зироатҳо ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ асос ёфта, муайян карда шуданд;

- модели баҳодиҳиии самаранокии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар заминаи ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва андешидани чораҳои комплексии экологӣ-мелиоративӣ (агротехникӣ, агробиологӣ, агрокимиёвӣ ва гидротехникӣ) асосёфта, коркард ва арзёбӣ гардидааст;

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:** Хулосаҳо ва пешниҳоди дар диссертатсия мавҷудбуда ба муккамал гардидани донишҳои назариявию методии раванди ташаккул ва таҳлили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самаранокии заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо назардошти хусусиятҳои минтақавии рушди соҳаи кишоварзӣ муайян ва

мушаххас гардидааст, як қатор тавсияҳои дар диссертатсия маҳфуз буда, метавонанд татбиқи амалии худро дар низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунад.

Хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалии кори диссертатсионӣ мумкин аст, ки дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва маҳаллӣ, ки ба идоракунии самараноки заминҳои обёришаванда машғул мебошанд, махсусан, дар вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар мақомотҳои дахлдори давлатӣ дар маҳаллҳо истифода бурда шаванд.

Баъзе аз хулоса ва пешниҳод, ки дар кори илмӣ дарҷ гардидаанд, ҳам аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва амалӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои кишвар, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот, масъалаи таъмини шуғли пурраи корӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои обёришаванда ва рушди устувори минтақаҳо, ки дар ҷараёни таҳқиқ таҳия ва баррасӣ шудаанд, барои баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар ва таъмини бехатарии озуқаворbudии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи ахуднамоии заминҳои обёришавандаи минтақа, ҳифз ва нигаҳдории системаҳои минтақавӣ ва ҷалби бештари сармояҳо ба рушди минтақаҳои кишоварзӣ, рӯйи кор биёянд.

Асосноккунии хулоса ва тавсияҳои илмӣ - амалии кори диссертатсионӣ аз оң шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанивию хориҷиро дар соҳаи назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии замин, истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда, имконоти истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа бо назардошти таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои дорои бахши аграрии рушдкарда эҷодкорона истифода бурда тавонистааст.

Татбиқи амалии ин пешниҳод оид ба истифодаи оқилонаи заминҳои обёришаванда ва рушди устувори минтақаҳо, ки дар ҷараёни таҳқиқ таҳия

ва баррасӣ шудаанд, барои баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар ва таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсус: таҳлил ва омӯзиш, усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлили қиёсӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, таҳлили абстрактию мантиқӣ, монографӣ, усулҳои иқтисоди оморӣ ва математикӣ татбиқ шудаанд.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқ гирд оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

Ҳамчунин, таҳияҳои илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти корхонаҳои аграрӣ» ва «Иқтисодиёти истифодабарии сарватҳои табиӣ» истифода бурда шуданд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:** Муқаррароти асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 13 мақолаҳои илмӣ, ки аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Дар маҷмуъ, барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳое, ки дар “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Мундариҷаи кор. Ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 179 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 20 ҷадвал,7 диаграмма 3 расм ва 6 замима мебошад.

Дар **муқаддима** аҳамияти таҳқиқ асоснок гардида, ҳадаф ва вазифаҳо, предмет, объект, сатҳи коркарди илмӣ, заминаҳои назарию методологию иттилоотӣ муайян ва навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаву хулосаҳои кор шарҳ дода шудаанд.

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар минтақа»** таҳқиқи назарияҳо ва хусусиятҳои хоси минтақавии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда (с.15-32), принсипҳо ва вазифаҳои асосии механизми ташкили иқтисодии

истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа (с.32-45), таҷрибаи хориҷӣ оид ба механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар кишоварзӣ (с. 45-61) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ дуруст қайд кардааст, ки масъалаи механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар шароити минтақаҳои кишвар ба қисмати муҳими омӯзиши илми иқтисодиёти минтақавӣ шомил буда, ҳамчун заминаи муҳим ба фаъолияти ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва моликиятдорӣ ба замин вобастагии калон дошта, ба беҳшавии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мусоидат менамояд. Дар ин раванд, рушди минтақа аз бисёр ҷиҳат аз истифодаи заминҳои кишоварзӣ, бахусус, заминҳои обёришаванда, ки манбаи асосии даромади аҳолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад, манша мегирад (с.16). Ҳамзамон, дигар омилҳо низ, ба мисли интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, азхуднамудани заминҳои нави обёришаванда, минтақабандии худудӣ-ҷуғрофӣ ва шароитҳои табиӣ-иқлимӣ низ ба унсурҳои асосии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дар минтақа таъсири худро мерасонанд. Вобаста ба ин, қайд кардааст, муаллиф, зарурияти таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда муҳим буда, он аз ташаккул ва рушди шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва заминистифодабарӣ, бо назардошти омилҳои ташкилӣ-хоҷагидорӣ ва табиӣ-иқлимӣ, технологӣ-инноватсионӣ бар меояд (с. 17).

Унвонҷӯй дар кори худ муайян менамояд, ки механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва минтақавӣ, аз маҷмӯи қоидаҳо, қонунҳо, чораҳо ва унсуру фишангҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошад. Механизми мазкур ба таъмини бехатари озуқавории аҳолии минтақа нигаронида шуда, барои ҳифзи заминҳои обёришаванда ва агроэкосистемаҳои минтақавӣ равона шудааст, имконияти истеҳсоли ҳарчӣ зиёди маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза, ташкили истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашудаи кишоварзии минтақаро афзун намуда, ба таъмини даромаднокии баланди молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

Таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодиёти кишоварзӣ (США, Япония, Чин ва дигарҳо) нишон медиҳанд, қайд кардааст, муаллиф, ки ба ҳам пайвастани фишангҳо ва механизмҳои идораи самараноки заминҳои обёришаванда имконият медиҳанд, ки ҷорӣ намудани

технологияи нави обёрикунӣ, низоми пешқадами заминдорӣ, корҳои дастаҷамъонаи мелиоративӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои истифодаи самараноки заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ва амалисозии сиёсати аграрии кишвар созгор бошанд.

**Боби дуюм - «Таҳлили ҳолат ва баҳои самаранокии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон»** ба таҳқиқу таҳлили ҳолати кунунӣ истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шудааст ва бо баҳодиҳии самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар соҳаи кишоварзии ин минтақа анҷом ёфтааст (саҳ.66-114).

Дар натиҷаи таҳлилҳои муаллифи диссертатсия маълум гардид, ки заминҳои обёришавандаи минтақа дар соли 2021 - 87,8 ҳазор га ташкил медиҳад, ки 7,3 %-и заминҳои минтақаи Кӯлобро ташкил медиҳад. Тайи солҳои таҳлилӣ (2016-2021) ҳиссаи заминҳои обии минтақаи Кӯлоб - 0,2% кам гардидааст, ки он ба сохтумони манзили аҳолӣ ва дигар эҳтиёҷотҳои ғайрикишоварзӣ рабт дошта, ба истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад (саҳ. 68).

Муаллифи рисола ҳангоми баҳодиҳии самаранокии экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар кишоварзии минтақа чунин натиҷагирӣ намудааст: имконияти истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда ва амалисозии чорабиниҳои экологӣ-мелиоративӣ ва низоми обёрикунии пешқадами кишоварзӣ ва таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ ва экологии минтақаҳои кишвар барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии кишварро муайян кардааст; баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаҳои кишвар, ҳавасмандиҳои моддӣ-молиявии истеҳсоли маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ва рӯ ба содирот нигаронидашуда, инчунин, ҳифзи экосистемаҳои минтақавиро ошкор намудааст (саҳ.92).

Унвонҷӯй дар рисола зарурияти чунин тадбирҳоро барои баланд бардоштани самаранокии экологӣ – истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақа қайд кардааст, ки боиси дастгирист: амалисозии чораҳои экологӣ ва мелиоративӣ-ирргатсионии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва истеҳсоли ҳар чӣ зиёди маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, таъмини бехатарии озуқаворӣ; ҳолати кунунии истифодаи заминҳои обёришаванда дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро мавриди баҳогузорӣ қарор додааст.

**Дар боби сеюм -«Самтҳои асосии такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа»**, дастгирии давлатии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақа, ҷалби сармояҳо - ҳамчун самти муҳими истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда дар минтақа ва таҳрезӣ ва дурнамои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифта шудааст (саҳ. 115-167).

Муаллифи кори диссертатсионӣ алоқамандии дастгирии давлатии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, баландбардории самаранокии истифодаи заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ дар минтақа ва беҳдошти вазъи зиндагии аҳолиро муайян намудааст.

Барои таъмини пешравиҳои мусбӣ дар танзиму дастгирии давлатии механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои обҷоришаванда дар минтақаи Кӯлоб, унвонҷӯй, амалигардонии чунин чорабиниҳоро пешниҳод намудааст, ки ба фикри мо, қобили қабул мебошанд. Унвонҷӯй қайд намудааст, ки таваҷҷуҳи мақомотҳои дахлдори идоракунӣ дар маҳалҳо бояд бештар ба масоили технологияи интенсивии парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва низоми обёрикунии заминҳои обёришаванда ба истифодаи заминҳои обёришаванда ва масоили экологии муҳофизати онҳо дар минтақаҳои наздикуҳӣ ва кӯҳӣ ҷалб карда шавад (саҳ.119).

Муаллифи диссертатсия ба маврид қайд кардааст, ки дастгирии давлатии рушди низоми заминдории обёришаванда дар мавриди иҷроиши чорабиниҳои агротехникӣ (киштгардон, объёрӣ, оҳакандозӣ, истифодаи мошинҳо ва нуриҳо, мубориза бар зидди ҳашарот ва алафҳои зараррасон ва ғ.) дар корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ бояд риоя карда шавад ва рушди минтақаҳои кишоварзӣ таъмин карда шавад.

Дар хулосаҳо ва пешниҳод натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ҷамъбаст карда шудаанд.

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор камбудию носаҳеҳиҳо аст, ки умуман ба сифати илмии диссертатсия таъсири калон намерасонанд. Эроду дархостҳои муқарриз инҳоанд:

1. Дар боби аввали диссертатсия ҳангоми таҳлили қисмати назариявӣ, методологӣ, муаллиф, ба андешаҳои дигар таҳқиқотчиён бештар аҳамият додааст, вале барои асосноккунии мавқеи илмии худ ҷойи кам ҷудо намудааст;

2. Ба фикри мо, муаллиф, мебоист ҳангоми асоснокунии танзими муносибатҳои заминдорӣ ба масъалаҳои экологӣ, кам шудани ҷангал ва тағйирёбии иқлим бештар аҳамият медод.

3. Хуб мешуд, ки агар муаллиф омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи мамолики рушдкардаро ҳамчун вазифаи алоҳидаи таҳқиқ дида баромада, исбот мекард, ки таҷрибаи кадом мамлакат ба Ҷумҳурӣ мувофиқ аст ва онро ҳамчун унсури алоҳидаи навгонӣ дар диссертатсия пешниҳод менамуд.

4. Сифати илмиии диссертатсия боз ҳам баланд мегардид, агар муаллиф дар он моҳияту аҳамияти модели коркардаи худро бештару хубтар шарҳ медод.

5. Дар матни диссертатсия як қатор хатогиҳои услубӣ ва техникӣ, вомехӯранд.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии таткиқи диссертатсионии унвонҷӯйро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмӯъ диссертатсия таҳқиқи ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳиш ва ҳалли муаммоҳои илмии такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа ифода менамояд.

**Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқи диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он тавсифи умумии кор, муҳтавои асосии диссертатсия, навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, хулоса ва пешниҳод, пешниҳод оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи интишороти илмии муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқ ҷой дода шудааст.

Муқарраротӣ асосии диссертатсия дар 13 мақола, ки 3 - тои он дар нашрияҳои илмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст, ба табъ расидаанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия:**

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович дар мавзуи **“Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин дар минтақа” (дар мисоли заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон),** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст аз рӯйи тартиб ва танзими диссертатсия ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонии илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мувофиқ аст ва унвонҷӯй барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор аст.

**Муққариз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди**
**ҷаҳони Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **Раҳматзода Ҳайдар Бобо**

**Суроға:**
**734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,**
**кучаи Мирзо Турсунзода, 30.**
**Телефон: (992) 907 753 981**
**E-mail: haydar57@mail.ru**

**Имзои Раҳматзода Ҳ.Б-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо** **Раҳимов А.А.**